Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**Тақриз**

**ба автореферати Раҳматзода Мавзунахон Даврон дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Дар айни замон барои самаранок ба амал баровардани фаъолияти иқтисодӣ ба корхонаҳо маълумоти мукаммал ва боэътимоди баҳисобгирӣ зарур аст. Аммо мазмун ва мундариҷаи пешниҳоди он на ҳама вақт ба талаботи менеҷерон ва моликон мувофиқат мекунад, ки зарурати такмили низоми амалкунандаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботро бо мақсади ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ-назоратӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ пеш мегузорад. Дар баробари ин, дар айни замон технологияҳои муосири иттилоотӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузаронидани аудит таъсири назаррас расонида, барои мутобиқсозии на танҳо дарки назариявӣ, балки мутобиқсозии амалии онро тақозо мекунанд. Сарфи назар аз коркардҳои васеи назариявӣ дар соҳаи таъминоти иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, зарурати таҳия ва дар амалияи корхонаҳо ҷорӣ намудани низоми аз ҷиҳати илмию методӣ асосноккардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити объектҳои ҳисобгирӣ, барои баҳодиҳии ҳаракати самояи худии корхона зарур аст. Коркарди усулҳои муосири баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ имкон медиҳад, ки массиви нави иттилоотии барои баҳодиҳии ҳаракати сармоя, қобилияти пардохтпазирии корхона, сатҳи таъминоти қарз бо пули накд, инъикос дар ҳисобои молиявӣ ва ғайра таъмин карда шавад.

Гуфтаҳои боло зарурати гузаронидани таҳқиқоти муассирро оид ба коркарди ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ ва пешниҳодҳои амалии баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худиро пеш меорад ва муҳиммияти мавзӯи диссертатсияи Раҳматзода Мавзунахон Давронро муайян мекунад.

Дар кори илмии унвонҷӯ моҳияти назарявии мафҳуми “сармоя”, таснифи онҳо аз се муносибати асосӣ ба тафсири ин категорияи иқтисодӣ ҷудо карда шавад (с. 13), таҳлили қонунгузории ватанӣ оид ба ташкили баҳисобгирии сармояи худӣ омӯхта шудааст (с. 15-16). Инчунин аз ҷониби унвонҷӯ моделҳои баҳисобгирии мамлакатҳои гуногун таҳқиқ гардида, исбот карда шудааст, ки ҳар як давлат новобаста аз шакли идоракуниаш мувофиқи низоми иқтисодиёти миллӣ, қонунгузорӣ,

санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, талаботи қонунгузории андоз низоми хоси баҳисобгирии муҳосибӣ дорад (с. 17).

Аз таҳлили автореферат дида мешавад, ки дар мавриди тадқиқи равишҳои методӣ ва ташкилӣ - амалии баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии сармояи худӣ, модели ташкилию методии баҳисобгирии сармояи худӣ (с. 20) коркард ва пешниҳод карда шудааст. Инчунин, кушодани ҳисобҳои тартиби сеюм аз рӯйи намуди саҳмияҳои паҳнкардашудаи барориши муайян ва ҳисоби баҳисобгирии таҳлилӣ аз рӯйи соҳибмулкони саҳмияҳои паҳнкардашуда, тибқи феҳристи саҳмдорон (с. 21), системаи такмилёфтаи ҳисобҳои таҳлилӣ барои баҳисобгирии муфассали амалиёт бо сармоя (с. 27) тасдиқи амалии натиҷаҳои назарявии тадқиқот мебошад.

Пешниҳоди муаллиф доир равишҳои методии сармояи худиро сарчашмаи таъминоти иттилоотии он вобаста аз унсурҳои асосиаш тафриқабандӣ карда, усули аудити объектиро пешниҳод мекунад, ки муносибати ҳамаи унсурҳои сармояи худиро ба назар мегирад, ҷолибияти амалӣ дорад (с. 38).

Ҳамин тавр, диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ мебошад. Доштани малакаи таҳили иқтисодӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Ба муаллиф муясар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методологии баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худиро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар баробари бартариятҳои автореферати диссертатсия чунин камбудӣ ба назар мерасад, агар муаллиф дар автореферат самтҳои асосӣ, объектҳо, методика ва пайдарпайии истифодаи расмиёти аудиторӣ ҳангоми санҷиши сармояи худиро васеътар шарҳ медод, мазмуни кор боз беҳтар мегардид.

Камбудии дар боло қайд гардида, қимати илмӣ ва амалии рисолаи илмиро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконят фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба такмилдиҳии усулҳои баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ мухтасар ифода намояд.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳмияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи корхонаҳои саноатӣ аз аҳмияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмӯъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Раҳматзода М.Д. дар мавзуи «Мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва аудити сармояи худӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
Мудири кафедраи баҳисобгирии
муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳматов Б.Қ.

Имзои мудири кафедраи баҳисобгирии
муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии
Данғара номзади илмҳои иқтисодӣ, Раҳматов Б.Қ-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД Тоирзода С.Т.

13.08.2025

Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Данғара, кӯчаи маркази-25,
Тел: (+992) 93-155-36-86, E-mail: rbakhtovard@bk.ru